ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН 1990

*То ҷаҳон буд аз сари одам фароз,*
*Кас набуд аз роҳи дониш бениёз.*

# Фановар

FANOVAR

**Нашрияи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

**31 майи соли 2025**

**№ 9-10 (227-228)**

# Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Конфронси якуми байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳо

**30.05.2025, шаҳри Душанбе**

**Олиҷанобон, муҳтарам роҳбарони ҳайатҳо, Хонумҳо ва ҷанобон!**

Шуморо ба Тоҷикистон, ки нахустин Конфронси байналмилалии сатҳи баланд оид ба ҳифзи пиряхҳоро мизбонӣ мекунад, самимона хайрамақдам мегӯям.

Ин Конфронс қадами муҳим дар самти татбиқи қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид дар бораи эълон намудани соли 2025 ҳамчун «Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо» мебошад.

Ҳамоиши имрӯза барои табодули афкор вобаста ба ин мавзӯи ҳаётан муҳим, инчунин, истифодаи оқилонаи захираҳои об арсаи муколамаи судмандро фароҳам меоварад.

Иштирокдорони гиромӣ,

Обшавии босуръати пиряхҳо имрӯз ба як бухрони глобалии замони мо табдил ёфта, дар тӯли даҳсолаҳои охир, онҳо бо суръати баланд коҳиш меёбанд. Ин раванди ташвишовар дар таърихи инсоният бесобиқа аст.

Тибқи арзёбии коршиносон, соли 2023 бузургтарин коҳиши солонаи ҳаҷми пиряхҳо ба қайд гирифта шуд.

Дар натиҷа 600 гигатонна оби ошомиданӣ талаф ёфт, ки сабаби баландшавии сатҳи миёнаи укёнуси ҷаҳонӣ гардид.

Тағйирёбии иқлим, аллакай боиси нобуд шудани тақрибан сеяки пиряхҳои кӯҳӣ дар саросари ҷаҳон гардидааст.

Ин раванд танҳо мушкилоти экологӣ набуда, ба бисёр соҳаҳои ҳаёти инсоният алоқамандии зич дорад.

Пиряхҳо дар сайёраи мо, ҳамчун яке аз сарчашмаҳои асосии оби нӯшокӣ ба ҳисоб рафта, ҳифзи онҳо заминаро барои расидан ба аксари ҳадафҳои рушди устувор муҳайё месозад.

Ҳамзамон бо ин, обшавии босуръати пиряхҳои қутбӣ сабаби обхезиҳо дар кишварҳо ва шаҳрҳои соҳилӣ шуда, миллионҳо одамонро аз манзилҳояшон маҳрум месозад.

Гузашта аз ин, раванди мазкур боиси кам шудани ҳудуди хушкии кишварҳо ва омили муҳоҷиршавии аҳолӣ мегардад.

Возеҳ аст, ки бе талошҳои фаврӣ ва фаъоли мутобиқсозӣ, ки ба ҳадафи якуним дараҷавии (1,5°C) Созишномаи Париж мувофиқат мекунад, ин тамоюл оқибатҳои фоҷеабор хоҳад дошт.

Пиряхҳо ва қабатҳои яхбандӣ дар гардиши укёнусҳо нақши асосӣ доранд. Онҳо ҳамчун танзимгари иқлими мӯътадили табиӣ дар сайёраи мо амал мекунанд.

Тибқи арзёбии коршиносон, дар ҳолати зиёд гардидани ҳаҷми партови газҳои гулхонаӣ ба атмосфера, мутаносибан ҳаҷми зарари иқтисодӣ низ ба давлатҳои осебпазир афзоиш меёбад.

Дар сурати то ду дараҷа (2°C) боло рафтани ҳарорати ҳаво, нобуд шудани сеяки дигари пиряхҳои ҷаҳон пешбинӣ мегардад.

Аз ин лиҳоз, мо бояд тамоми кӯшишро ба харҷ диҳем, ки иҷрои созишномаи Париж оид ба иқлим таъмин гардад ва тадбирҳои заруриро барои пешгирии афзоиши ҳарорати глобалӣ андешем.

Ҳозирини гиромӣ,

Обшавии босуръати пиряхҳо раванди таъминоти обро халалдор карда, ба амнияти озуқаворӣ таҳдид ва ба истеҳсоли нерӯи барқи тоза таъсири манфӣ мерасонад.

Ин раванд дар аксарияти ҳолатҳо хатарҳои зиёд эҷод намуда, нобаробарии иқтисодӣ ва осебпазирии аҳолиро меафзояд.

Бахусус дар минтақаҳои кӯҳистон раванди обшавии босуръати пиряхҳо боиси обхезӣ, омадани сел ва фуромадани ярч гардида, ба инфрасохторҳо зарари калон мерасонад.

Кишвари мо, ки 93 фоизи масоҳати онро кӯҳҳо ташкил медиҳанд, ҳамчунин, рӯ ба рӯйи офатҳои табиии вобаста ба об, аз ҷумла обшавии босуръати пиряхҳо, ҳамоно осебпазир боқӣ мемонад.

Тоҷикистон, ҳамчун кишвари дорои бузургтарин пиряхҳои Осиёи Марказӣ, имрӯз бо ин бухрон дучор шудааст.

То кунун аз 14 ҳазор пиряхи Тоҷикистон, ки манбаи ташаккули то 60 фоизи оби тоза дар минтақа мебошанд, як ҳазору сесад адади онҳо



пурра об шуда, нобуд гардидааст ва раванди обшавии босуръати пиряхҳои мо ҳамоно идома дорад.

Талафоти пиряхҳо на танҳо ба мероси табиии мо, балки ба ҳаёти миллионҳо нафар дар минтақа таҳдид мекунад.

Муҳтарам иштирокдорони Конфронс,

Мехоҳам ба таври возеҳ қайд намоям, ки ҳифзи пиряхҳо танҳо мушкилоти кишварҳои дорои пиряхҳо нест, балки як бухрони глобалии қобили таваҷҷуҳи фаврии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Феълан дар кишвари мо ҷиҳати омӯзиши пиряхҳо сохторҳои зарурӣ фаъолият доранд.

Дар баробари ин, бояд гуфт, ки имкониятҳои фаннию техникии мо мисли даҳҳо кишварҳои дигари дорои пиряхҳо маҳдуданд.

Ба мақсади мониторинги фарогири пиряхҳо, инчунин, барномарезӣ ва татбиқи чораҳои таъхирнопазир барои ҳифзи пиряхҳо мо бояд ҳамкориҳои муассирро бо ҳама шарикон густариш диҳем.

Дар ин замина, ҳамчунин, навовариҳои зеҳнӣ ва кумакҳои молияю техникӣ зарур мебошанд.

Пиряхҳои Тоҷикистон на танҳо манбаи бузурги оби дарёҳои Осиёи Марказӣ ба шумор мераванд, балки дар нигоҳдории устувории иқлими минтақа нақши калидиро иҷро намуда, барои ҳифзи иқлими глобалӣ низ аҳаммияти муҳим доранд.

Зимнан, ҳолати кунунии ин пиряхҳо таҳқиқоти илмии дақиқро талаб мекунад.

Қобили зикр аст, ки омӯзиши намунаи ях аз пиряхи Ванҷях (машҳур бо номи Федченко), дар ҷаҳон яке аз пиряхҳои калонтарини воқеъ дар хушкӣ, бо дарозии 77 километр ва ғафсии то як километр, метавонад барои инсоният таърихи ҳазорсолаҳои иқлимро ошкор намояд.

Бо дарназардошти ҷойгир будани зиёда аз 60 фоизи пиряхҳои минтақа дар Тоҷикистон, пешниҳод менамоям, ки якҷо бо шарикони рушд ва пажуҳишгоҳҳои илмиву-таҳқиқотӣ экспедитсияи фарогири омӯзиши пиряхҳои Тоҷикистонро ташкил карда, дар кишвари мо як озмоишгоҳи минтақавии яхшиносӣ таъсис дода шавад.

Мо аз ҳамаи шарикон ва ҷонибҳои манфиатдор даъват менамоем, ки ин ташаббусро дастгирӣ намоянд ва ба ин васила дар татбиқи "Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ – солҳои 2025-2034" саҳми муносиби худро гузоранд.

Ҳозирини гиромӣ,

Дар баробари сабабҳои асосӣ, мисли тағйирёбии глобалии иқлим ва олудашавии ҳаво, ки ба обшавии пиряхҳо оварда мерасонанд, инчунин, хокборишҳои шадид дар тӯли чанд даҳсолаи ахир ба ин раванд дар минтақаи мо суръат мебахшанд.

Яке аз мушкилоти дигари ба пиряхҳо хос дар кишвари баландкӯҳи мо хатари кандашавии кӯлҳои пиряхӣ мебошад, ки дар натиҷаи он минтақаҳои аҳолинишин ва инфрасохтори онҳо хароб шуда, дар баъзе мавридҳо ҳатто талафоти ҷониро ба бор меорад. Дар баробари ин, баъзе аз пиряхҳои Тоҷикистон хусусияти лағжиданро доранд, ки сабаби ба вуҷуд омадани мушкилоти ҷиддӣ мешавад.

Бо дарназардошти он, ки пиряхҳои Тоҷикистон дар баландии аз сеюним ҳазор метр то ҳафтуним ҳазор метр аз сатҳи баҳр ва дар минтақаҳои душворгузари кӯҳистон ҷойгир шудаанд, роҳандозии ҳар гуна барномаҳо барои ҳифзи онҳо ба мушкилиҳои зиёд дучор мегардад.

Бинобар ин, мо пешниҳод менамоем, ки шарикони рушд ва созмонҳои байналмилалӣ ҷиҳати ҳалли ин мушкилот бо мо ҳамкориҳои судмандро ба роҳ монанд.

Аксарияти пиряхҳои Тоҷикистон, аз ҷумла пиряхи Ванҷях (Федченко) дар қаторкӯҳҳои Помир ҷойгиранд.

Онҳо ҷузъи Боғи миллии Тоҷикистон маҳсуб мешаванд ва ба номгӯи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО ворид шудаанд.

Вобаста ба ин, Ҳукумати Тоҷикистон тасмим гирифтааст, ки барои ҳифзи гуногунии табиии ин боғи нодир барномаи махсусро роҳандозӣ намояд.

Муҳтарам иштирокдорони Конфронс,

Тоҷикистон тайи бист соли охир рӯзномаи об ва иқлимро дар арсаи байналмилалӣ фаъолона пешбарӣ намуда, ҳамзамон бо ин, зарурати вокуниши фаврию муштаракро ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо таъкид мекунад.

Бо дарназардошти аҳаммияти масъалаи мазкур, бо ибтикори Тоҷикистон дар асоси қатъномаи Маҷмаи Умумии Созмони Милали Муттаҳид соли 2025 ҳамчун "Соли байналмилалии ҳифзи пиряхҳо" ва 21 март "Рӯзи ҷаҳонии пиряхҳо" эълон гардида, дар назди Созмони Милал Бунёди эътимоди байналмилалӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо таъсис дода шудааст.

Зимнан, давлатҳо ва созмонҳои байлналмилалию минтақавиро зарур аст, ки ба мақсади таъмини фаъолияти босамари ин Бунёд, ҳарчи бештар саҳми молиявии худро гузоранд.

Илова бар ин, бо ташаббуси Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Фаронса моҳи августи соли гузашта аз ҷониби Маҷмаи Умумии Созмони Милал қатънома оид ба эълон кардани солҳои 2025-2034 ҳамчун "Даҳсолаи амал барои илмҳои яхшиносӣ" якдилона қабул гардид.

Бовар дорам, ки ҷонибдорӣ аз қатъномаи мазкур ба пешбурди мавзуи обу иқлим, махсусан татбиқи босамари ҳадафҳои пешбинишуда саҳми назаррас хоҳад гузошт.

Ҳозирини гиромӣ,

Бо дарназардошти аҳаммияти ин гуфтаҳо, Тоҷикистон аз ҷомеаи ҷаҳонӣ даъват менамояд, ки барои ҳифзи пиряхҳо тадбирҳои таъхирнопазири қатъӣ андешад.

Дар ин радиф, Тоҷикистон амалҳои фаврии зеринро ҷиҳати коҳиш додани раванди обшавии пиряхҳо пешниҳод менамояд:

Якум. Баланд бардоштани сатҳи огаҳии ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба нақши ҳаётан муҳимми пиряхҳо дар таъмини захираҳои оби ошомиданӣ ва ҳалли маҷмӯи масъалаҳои рушди устувор;

Дуюм. Таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ, аз ҷумла бо ҷалби фаъоли олимону пажӯҳишгарон, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дигар ҷонибҳои манфиатдор барои ҳалли мушкилоти обшавии босуръати пиряхҳо ва оқибатҳои фарогири он;

Сеюм. Ба роҳ мондани мониторинги фарогир ва таҳқиқоти илмӣ ба мақсади беҳтар дарк намудани ҷараёни тағирёбии пиряхҳо ва таъсири онҳо ба низомҳои экологӣ (экосистемаҳо), захираҳои об, масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйирёбии глобалии иқлим.

Ҷиҳати ҳалли ин масъала пешниҳод мегардад, ки кишварҳои дорои имконияти ҷамъоварии маълумоти дақиқ оид ба ҳолати пиряхҳо, бахусус, тавассути зарфиятҳои маҳворай, табодули доимии иттилоотро бо кишварҳои дорои имкониятҳои маҳдуд дар ин ҷода роҳандозӣ намоянд;

Чорум. Татбиқи иқдомҳои дастҷамъӣ ба мақсади бартараф намудани оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии обшавии босуръати пиряхҳо, аз ҷумла таъсири он ба дастрасӣ ба об, ҳифзи амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли неруи барқ ва ҳифзи мероси фарҳангию табиӣ.

Бахусус, барои ҳифзи наботот ва ҳайвоноте, ки дар натиҷаи обшавии босуръати пиряхҳо аз шароити маъмулии зисти худ маҳрум мегарданд, бояд чораҳои таъхирнопазир андешида шаванд.

Панҷум. Аксарияти чораҳои ба ҳифзи пиряхҳо равонашуда бо тадбирҳои марбут ба ҳалли мушкилиҳои тағйирёбии иқлим ҳамоҳанг ва наздик мебошанд.

Бинобар ин, зарурати мусоидат ба кишварҳо дар татбиқи барномаҳо ва стратегияҳои мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим, аз ҷумла дар минтақаҳои осебпазир тавассути равишҳои ҳамгирой, аз қабили низомҳои огоҳсозии пешакӣ ва коҳиши хатари офатҳо ба миён меояд.

Шашум. Истифодаи самаранок ва ҷалби захираҳои молӣ ва фаннӣ барои татбиқи амалии ташаббусҳо ҷиҳати ҳифзи пиряхҳо ва саҳмгузорӣ ба Бунёди эътимоди байналмилалии ҳифзи пиряхҳо.

Ҳафтум. Таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаҳои амал дар сатҳҳои миллӣ ва минтақавӣ ба хотири наслҳои оянда.

Инчунин, пешниҳод менамоям, ки Стратегияи глобалии ҳифзи пиряхҳо дар сатҳи ҷаҳонӣ таҳия карда шавад.

Барои татбиқи минбаъдаи он бояд таҷрибаи дигар механизмҳои мавҷуда, ба мисли конвенсияҳо оид ба тағйирёбии иқлим, гуногунии биологӣ, мубориза бар зидди биёбоншавӣ ва монанди онҳо роҳандозӣ гардад.

Тоҷикистон ин ташаббусро дар чаҳорчуби Созмони Милали Муттаҳид матраҳ хоҳад кард ва аз ҳамаи кишварҳо даъват ба амал меоварад, ки аз ин иқдом пуштибонӣ кунанд.

Меҳмонони олиқадр,

Итминони комил дорам, ки натиҷаҳои Конфронси имрӯза, аз ҷумла Эъломияи Конфронси Душанбе ва муроҷиати иштирокдорони Конфронс ҳамчун даъват ба иқдомҳои амалгароёнаи ҷомеаи ҷаҳонӣ барои саҳмгузорӣ дар равандҳои муҳимми глобалӣ дар соҳаи обу иқлим ва рушди устувор хизмат хоҳанд кард.

Ҳамчунин, натиҷаҳои нишасти имрӯза ба ташаккули Раванди нави Душанбе оид ба ҳифзи пиряхҳо замина мегузоранд.

Мақсади асосии мо ҳифзи ин захираҳои ҳаётан муҳим тавассути талошҳои муассири муштараки ҷомеаи ҷаҳонӣ ба манфиати наслҳои имрӯзу фардо мебошад

Ҳар зарраи талафшудаи пиряхҳо боиси афзоиши хатарҳо бароиояндаи инсоният мегардад.

Бинобар ин, биёед ҳар лаҳзаро ғанимат дониста, ҷиҳати ҳифзи ганҷи бебаҳои табиат – пиряхҳо, барои таъминиояндаи дурахшони инсоният саҳмгузор бошем!

Умед дорам, ки ҷомеаи ҷаҳонӣ дар татбиқи саривақтии ҳадафу уҳдадориҳои марбут ба обу иқлим, бахусус ҳифзи пиряхҳо ва истифодаи босамару оқилонаи об беш аз пеш талош хоҳад кард.

**Аз таваҷҷуҳатон сипосгузорам.**

ОЛИМОНИ МО

# ЗАҲМАТИ ҲАМПЕШАРО ҲАМПЕША МЕДОНАД,



**Муаллим ақл, шарафу виҷдони ҷомеа ва симои асосии он мебошад, вай донишу заковат, гармии дили худро бедареғ ба фарзандони халқ медиҳад ва худро хушбахт мешуморад. Тарбия ва ташаккули хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар насли наврас, насле, ки пояи илму фарҳанги миллатро ба силсилаи пешқадами тамаддуни ҷаҳонӣ пайваст менамояд, ба устодону омӯзгорон вобаста аст.**

**Эмомалӣ Раҳмон**

Дар арсаи зиндагиномаи ҳар як халқу миллат ҳамеша шахсиятҳои донишманду соҳибмаърифате тавлид мешаванд, ки онҳо ҳангоми фаъолияти кориашон чун чароғи илму ҳикмат дурдонаҳои хиради маърифати инсониро дар марзи дилҳои толибилмон донапошӣ мекунанд. Онҳо ахтарчароғҳои давру замони худ ҳастанд ва аз дурахши нури маърифаташон ҳамнишину ҳамзамонони худро баҳравар месозанд.

Рушду тараққиёти бемайлони илму техника махсусан илмҳои дақиқро, ки поягузори илмҳои дигари муосир, яке аз онҳо илми иқтисодӣ мебошад, ба вуҷуд оварда, татбиқи васеи онро дар соҳаҳои мухталифи хоҷагии мамлакат амалӣ менамоянд.

Иқтисоди назарӣ ва амалӣ ҳамчун баррасии бисёр масъалаҳои марбути он аз ҷумлаи дастовардҳои бузургест, ки бо кӯшишу ибтикор ва заҳмату ранҷи беш аз 40-солаи гурӯҳи калони олимони улуми иқтисодиёт дар кишвар ба даст омадаанд.

Вале хизмату саҳмгузориҳои анику дақиқи олими варзидаву нуктасанҷи Тоҷикистон, инсони соҳибфазлу соҳибхирад, номзади илмҳои иқтисодӣ, и.в. профессор, академики Академияи муҳандисии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Аълочии маорифи Тоҷикистон, эксперти байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, узви Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон Неъматзода Маҳмуд Неъмат (Тошматов Махмуд Негматович)-ро метавон махсус қайд кард, ки ӯ аз зумраи шахсиятҳоест, ки 43 сол боз ба таълиму тарбияи фарзандони миллати тоҷик бо меҳнати содиқонаву софдилона машғул буда, дар омода намудани мутахассисони баландихтисос ва кадрҳои илмӣ – омӯзгорӣ саҳми арзишманд гузоштааст.

Раванди ташаккули ҳар фард аз оила оғоз меёбад. Бахусус, тарбияти хонаводагӣ нақши муҳиме дар сарнавишти ҳар фард дорад. Омӯзгори борикбин, падари ғамхору мушфиқ ва роҳбари оқилу доно, устод Маҳмуд Неъматзода дар оилае ба камол расидааст, ки намунаи ибратанд.

Ӯ соли 1960 дар ноҳияи Ашти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оилаи хизматчӣ ба дунё омадааст. Соли 1977 ба факултети «Сохтмони саноатӣ ва шаҳрвандӣ»-и Донишкадаи политехникии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ) дохил шуда, соли 1980 баъди хатми курси сеюм бо роҳхати Вазорати маорифи Тоҷикистон барои идомаи таҳсил ҳамчун донишҷӯи аълохон ба Донишкадаи сохтмонӣ-муҳандисии шаҳри Киеви Ҷумҳурии Украина фиристода шуда, онро соли 1982 бомуваффақият хатм менамояд.

Соҳаи илму маърифат пахноест нопайдоканор ва саршор аз пастиву баландиҳо, арсаи таълиму тадрис бошад, роҳи пурпечутобу мушкилгузар буда, аз ашхоси озими ин шоҳроҳ маърифату қобилияти беандоза, малакаву матонати чашмрас, сабру таҳаммул ва неруву ҷавонмардии бемонандро тақозо менамояд. На ҳар мусофири ин роҳи тӯлониву пурифтихор то ба охири он рафта мерасад, на ҳар довталаби ин майдони фароху заҳматталаб ғолиби майдон мешавад. Яъне, танҳо нафароне, ки ироаи қавӣ ва қобилияти баланд доранд, метавонанд дар роҳи заҳматқарини таълиму тарбия ва пажуҳиши маърифат ҷойгоҳи хосаи худро пайдо намоянд. Зеро:

**Ноқобилони даҳр ба мақсад**
**намерасанд,**
**Дунё ҳамеша дар талаби**
**марди қобил аст.**

Пас аз хатми Донишгоҳ устод М. Неъматзода маҳз ҳамин роҳи душвору печидаи таълиму тарбия ва пажӯҳишро пеша намуд. Зеро хуб дарк намудааст, ки ин пеша аз муқаддастарин ва шарафмандтарин шуғлҳои инсонӣ мебошад.

Устод фаъолияти меҳнатиашро аз 1-уми ноябри соли 1982 ба ҳайси ассистенти кафедраи «Иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмон»-и Донишкадаи политехникии Тоҷикистон шурӯъ намудааст. Соли 1984 ба аспирантураи Донишкадаи муҳандисӣ-иқтисодии ш. Ленинград (ҳоло Донишгоҳи муҳандисӣ-иқтисодии ш. Санкт-Петербург) дохил шуда, соли 1987 дар мавзуи “Методические основы перестройки структуры регионального управления строительством (на примере Таджикской ССР)” бомуваффақият рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, ба ватани хеш баргашта ба Шуъбаи комплексии Тоҷикистонии Пажӯҳишгоҳи марказии илмӣ - тадқиқотии иқтисодиёт ва идоракунӣ дар сохтмони Кумитаи давлатии сохтмони ИҶШС, ки навтаъсис буд, ба кор ҷалб карда мешавад. Ҳадаф аз ҷалби як гурӯҳ мутахассисони ҷавон аз Донишкадаи политехникии Тоҷикистон ба чунин сохтори навтаъсис, ки дар қатори онҳо Маҳмуд Неъматзода низ буд, ин оғоз гардидани ислоҳот дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар, аз он ҷумла дар соҳаи сохтмон ба ҳисоб мерафт. Қобилияти ташкилотчигии



ӯро баҳисоб гирифта, солҳои 1988 - 1991 мавсуфро ба ҳайси мудири сектори Пажӯҳишгоҳ таъйин намуданд.

Пас аз пош хӯрдани ИҶШС ва барҳам хӯрдани шуъбаи комплексии Тоҷикистонӣ, Маҳмуд Неъматзода дубора ба фаъолияти омӯзгорӣ баргашта, то соли 1996 дар вазифаҳои муаллими калон, и.в. дотсент, дотсент, и.в. мудири кафедраи «Технология ва ташкили истеҳсолоти сохтмон»-и Донишгоҳи политехникии Тоҷикистон фаъолият менамояд.

Аз сентябри соли 1996 фаъолияти илмию омӯзгории М. Неъматзодаро ба назар гирифта роҳбарияти Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ӯро ба кор даъват мекунанд. Фаъолияти устодро дар ин боргоҳи илму маърифат, ки ҷариб 30 солро ташкил медиҳад, метавон дар се марҳила арзёбӣ кард.

Марҳилаи аввал, фарогири солҳои 1996 то 2000 буда, дар ин давра ӯ дар вазифаҳои мудири кафедраи «Иқтисодиёти корхона ва фаъолияти соҳибкорӣ», сардори Маркази тадқиқотию таълимӣ ва сардори департаменти «Иқтисод ва бизнес», фаъолият намудааст.

Марҳилаи дуввуми фаъолияти устод ба солҳои 2000-2009 рост меояд. Дар ин давра ӯ ба ҳайси декани факултети муҳандисӣ - иқтисодӣ ва сипас бо сабаби ислоҳоти сохторӣ дар Донишгоҳ, факултети “Муҳандисӣ-иқтисодӣ” ба факултети “Иқтисодиёт ва менеҷмент” табдил дода шуд ва ӯ тайи солҳои 2007-2009 сарварии ин факултетро ба уҳда дошт.

Маҳмуд Неъматзода ҳамчун роҳбари кордон ва ташкилотчии хирадманд тавонист як коллективи тифоқ, кордону уҳдабаро ва потенсиали илмию педагогиаш баландро сарҷамъ намояд. Дастовардҳои онвақтаи факултет дар ҷодаи таълим, илм ва тарбия хеле назаррас гардида, факултети «Иқтисодиёт ва менеҷмент»-и ДТТ ба яке аз марказҳои бонуфузи омода намудани мутахассисони самти иқтисодии мамлакат табдил ёфт.

Марҳилаи сеюми фаъолияти устод Маҳмуд Неъматзода аз январи соли 2009 оғоз гардида, то имрӯз давом дорад. Ӯ аз январи соли 2009 то январи 2010 ба ҳайси муовини ректор оид ба корҳои таълим ва тарбия, аз январи 2010 то феврали 2014 ба ҳайси муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот ва аз 25-уми феврали соли 2014 то 10-уми июли соли 2024 ба ҳайси муовини аввал-муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот фаъолият намудааст.

Аз 1-уми сентябри соли 2024 то имрӯз дар вазифаи мушовири ректори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон оид ба сифати таҳсилот ва аккредитатсияҳои байналмилалӣ фаъолият дорад.

Заҳматҳои Маҳмуд Неъматзода ба ҳайси муовини ректор оид ба таълим ва идораи сифати таҳсилот баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегии Донишгоҳ, яъне баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, рақобатпазирии хатмкунандагон дар бозори озоди меҳнати дохилию хориҷӣ, ба стандартҳои сифати таҳсилоти байналмилалӣ мувофиқат намудани донишу малакаи мутахассисон, аз аккредитатсияи байналмилалӣ гузаронидани барномаҳои таҳсилотии Донишгоҳ, баланд бардоштани рейтинги Донишгоҳ дар байни Муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ, рушду бунёди моддию-техникӣ ва инфрасохтори таълимию тадқиқотии Донишгоҳ хеле назаррас мебошад.

Саҳми устод дар ҷорӣ намудани низоми кредитии таҳсилот низ хеле арзанда мебошад. Ӯ яке аз таҳиягарони “Низомномаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити низоми кредитии таҳсилот” буда, Донишгоҳ бо шарофати ин олими кордону меҳнаткаш яке аз донишгоҳҳои пешсаф дар бобати ҷорӣ намудани ин низом мебошад. Устод Маҳмуд Неъматзода ҳамчун мушовири маҳаллӣ оид ба зинаи таҳсилоти олии касбӣ дар таҳияи лоиҳаҳои “Нақшаи миёнамуҳлати татбиқи Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020” дар асоси Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2020, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бевосита ширкат варзида, саҳми сазовор гузоштааст.

Бо ташаббус ва заҳматҳои шабонарӯзии устод Донишгоҳ ба бисёр муваффақиятҳои сатҳи ҷумҳуриявию байналмилалӣ дар самти таълим ва сифати таҳсилот расидааст.

Баҳри иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни мулоқот бо кормандони соҳаи илму маорифи мамлакат 27 сентябри соли 2022 Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар рейтинги байналмилалӣ ширкат варзида, дар байни донишгоҳҳои Авру Осиё ҷойи ифтихориро ба даст овард ва ба ҷоргонаи донишгоҳҳои бонуфузи Авру Осиё шомил гардида, бо ҷоизаи бонуфузи “Ситораи сифат”-и рейтинги байналмилалии муассисаҳои таҳсилоти олӣ “Рейтинги донишгоҳҳои Авру Осиёи IAAR (IAAR-EUR) – 2022” сарфароз гардидааст.

Ӯ ҳамчун эксперти байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ аз ҷониби Агентии мустақили аккредитатсия ва рейтинги байналмилалӣ вокеъ дар Ҷумҳурии Қазоқистон пазируфта шудааст.

Яке аз самтҳои пурсамари фаъолияти Маҳмуд Неъматзода иштироки фаъолонаи ӯ дар озмунҳои грантии таълимии Иттиҳоди Аврупо дар барномаҳои ТЕМПУС ва ЭРАСМУС+ мебошад. Дар ин самт ӯ ДТТ-ро дар лоиҳаҳои SWAN – “Идораи босуботи захираҳои обии минтақаи Осиёи Марказӣ” тайи солҳои 2010-2013 ва MIND – Менеҷмент, инноватсия ва рушд тайи солҳои 2016-2019 ҳамоҳангсозӣ намуда, дар рушди зарфияти таҳсилоти олии касбии Донишгоҳ саҳми арзишманд гузоштааст. Лоиҳаи SWAN бо ҳамкории донишгоҳҳои пешқадами Испания, Италия, Полша, Словакия, Қазоқистон, Қирғизистон ва Ӯзбекистон татбиқ гардид.

Лоиҳаи мазкур барои баланд бардоштани иқтидори зеҳнӣ ва институтсионалӣ оид ба идоракунии устувори захираҳои обии Осиёи Марказӣ бахшида шуда, дар Донишгоҳ бо дастгирии лоиҳаи мазкур барномаи таълимии магистрӣ аз рӯи ихтисоси “Иқтисодиёт ва идоракунии захираҳои обӣ” таҳия карда шуда, айни замон ин барнома амалӣ шуда истодааст. Бо кумаки молиявии лоиҳа 6 нафар омӯзгори Донишгоҳ дар донишгоҳҳои Полша, Испания ва Словакия аз бозомӯзии касбӣ гузашта, инчунин “Маркази идоракунии захираҳои обӣ” таъсис дода шуд ва он бо таҷҳизоти муосири иттилоотию технологӣ муҷаҳҳаз гардонида шуд.

Ҳамбастагии донишгоҳҳои бонуфузи Аврупо ва Осиёи Марказӣ дар минтақа ба мустаҳкамшавии ҳамкориҳои илмӣ дар соҳаи номбаршуда бо тариқи татбиқ намудани лоиҳаҳои минтақавӣ мусоидат намудааст.

Имрӯз Маҳмуд Неъматзода ба ғайр аз меҳнати пурсамари роҳбарӣ ва педагогию таълимӣ дар тадқиқотҳои илмӣ низ фаъолона ширкат меварзад. Бо роҳбарии бевоситаи ӯ яке аз аввалин семинар дар мавзӯи “Технологияҳои инноватсионӣ дар низоми таҳсилоти олии касбӣ ҳангоми тайёр намудани мутахассисон дар риштаи иқтисодиёт ва соҳибкорӣ” ва чандин конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ гузаронида шудааст.

Дар конференсияҳои байналмилалӣ дар шаҳрҳои Аликанте (Испания), Варшава, Краков, Братислава, Берлин, Дрезден, Рига, Лисабон, Генуя, Москва, Санкт-Петербург, Новосибирск, Алмаато, Тошкент, Бишкек, Тбилисӣ, Стамбул иштирок намуда, бо маърӯзаҳо баромад кардааст. Бо роҳбарии Маҳмуд Неъматзода солҳои 2001-2005 тадқиқоти илмӣ дар мавзуи «Сиёсати сармоягузорӣ ва муаммоҳои комплекси сохтмон дар марҳилаи гузариш» ва солҳои 2006-2010 дар мавзуи «Идоракунии потенсиали инвеститсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки аз тарафи Шурои ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотии АМИ Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, ҳамчун тадқиқоти фармоишӣ ба охир расонида шудааст, ки аҳамияти назарраси назариявӣ ва амалӣ дошта, баҳри баланд бардоштани саманокии сиёсати сармоягузорӣ ва рушди босуботи иқтисоди кишвар равона гарди-

# КИ ЧИСТ

дааст.

Бояд қайд намуд, ки саҳми устод Неъматзода Маҳмуд Неъмат дар бобати ба камол расонидани омӯзгорони ҷавон ва роҳбарӣ намудану ба ҳимоя пешниҳод кардани корҳои илмӣ-тадқиқотии онҳо низ хеле назаррас ва арзишманд мебошад. Устод бо дониши мукаммал ва услуби тарҳи хоси мактабдории хеш миёни устодону омӯзгорон ва олимони илми иқтисод мавкеъ ва эхтироми хосса касб намуда, зери роҳбарии ӯ имрӯз дар Донишгоҳ мактаби илмии равияи иқтисодӣ “Назария ва амалияи баланд бардоштани самаранокии чараёнҳои сармоягузорӣ дар шароити саноатикунонии босуръати иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон” фаъолияти густарда дорад.

То имрӯз, таҳти роҳбарии устод ва мактаби илмии ӯ, 6 нафар омӯзгори ҷавон рисолаи номзадӣ ҳимоя намуда, соҳиби диплом ва дараҷаҳои илмии номзади илмҳои иқтисодӣ гардидаанд. Айни замон ӯ роҳбари корҳои илмии 4 нафар унвонҷӯи дигар буда, дар зиёд намудани кадрҳои илмии ҷумҳурии азизамон ва баланд бардоштани неруи илмии Донишгоҳ пайваста заҳмат мекашад.

Имрӯзҳо ӯ рисолаи доктории худро низ дар мавзуи «Теория и методология повышения эффективности инвестиционных процессов в Республике Таджикистан” ба итмом расонида, дар арафаи дифои он қарор дорад.

Устод Маҳмуд Неъматзода муаллифи 8 китоби дарсӣ ва дастурҳои таълимӣ, 4 монография ва 15 дастури методӣ мебошад. Аз ҷониби ӯ 110 мақолаи илмӣ ба чоп расонида шудааст. Тадқиқотҳои устод ба яке аз мавзуъҳои муҳимми рушди босуботи иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсат ва раванди тезонидани сармоягузорӣ ба бахшҳои иқтисодиёт бахшида шудааст.

Маҳмуд Неъматзода ҳамчун олим, омӯзгори варзида ва ташкилотчии кордон дар ҷодаи таълиму тарбия, барои маҳорати баланди педагогӣ, тайёр намудани мутахассисони варзида ва гузоштани саҳми арзанда дар пешрафти саноат ва маориф бо ифтихорномаҳои Вазорати саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2005 ва 2024 ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2010, инчунин бо даҳҳо Ифтихорнома, Сертификат ва дипломҳои алоҳидаи соҳавӣ сарфароз гардонида шудааст.

Барои хизматҳои бисёрсолаи бенуқсон дар соҳаи маориф, саҳми арзанда дар таълиму тарбияи насли наврас, тайёр намудани кадрҳои болаёқат ва иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ бо нишони Аълочии маорифи Тоҷикистон ва бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2021 бо медали “Хизмати шоиста” қадрдонӣ гардидааст.

Устод Маҳмуд Неъматзода дар баробари олими варзида будан, боз дӯсти беҳтарин, инсони комилу хоксор ва падари мушфиқу ғамхори се фарзанди наку ва шаш наберачаи ширин ҳастанд. Оилаи ташкилнамудаи Маҳмуд Неъматзода пурра оилаи зиёӣ ба ҳисоб мераванд.

Ӯ ҳамаи фарзандонашро дар сатҳи баланди касбӣ хононда соҳиби маълумоти олӣ карда, рисолати падарии хешро муваффақона иҷро намудааст. Аҳли оила имрӯз дар соҳаҳои гуногуни кишвар, аз ҷумла омӯзгорӣ, тиббӣ ва иқтисодиёти мамлакат саҳми арзишманди хешро гузошта, дар баланд бардоштани рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ватани маҳбубамон бетараф нестанд.

Таъкид ба маврид аст, ки подоши аз ҳама гаронқадри хизматҳои устод Маҳмуд Неъматзода меҳру муҳаббати халқ, ихлос ва иродати ҳамкасбон, ҳамкорон ва шогирдон мебошад, ки самимият ва гармии онро метавон ҳар рӯзу ҳар соат эҳсос намуд. Олими пурмаҳсул, муҳаққиқ ва омӯзгори шинохта Маҳмуд Неъматзода ба синни 65-солагӣ расиданд.

Мо ҳайати бисёрнафараи олимону устодон ва кормандону донишҷӯёни Донишгоҳ устодро ба ин муносибат самимона шодбош гуфта, ба ӯ дар корҳои минбаъдаи илмию омӯзгорӣ, тайёр намудани мутахассисони рақобатпазир ва олимони ҷавон барору комёбӣ таманно дорем. Ва ҳамзамон, гуфтанием ки:

**Гиромитар зи ту фарде надидам,**
**Расули хоси Яздонӣ, муаллим.**

**Ректори ДТТ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ**

# НАМОИШИ МАҲСУЛОТ ВА ЯРМАРКАИ ҶОЙҲОИ КОРИИ ХОЛӢ



Ҳукумати мамлакат бо мақсади бо ҷои кори доимӣ таъмин намудани шаҳрвандон, муҳайё кардани шароитҳои мусоид ва ба ин васила беҳтар



гардонидани сатҳи зиндагии мардум тадбирҳои заруриро роҳандозӣ намуда истодааст.

Бояд гуфт, ки яке аз роҳҳои асосии ҷалби аҳолӣ, бахусус, ҷавонон ба кор ва таъмин намудани онҳо бо ҷойҳои корӣ таъсиси курсҳои кӯтоҳмуддат ва ташкилу баргузор намудани ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ мебошад, ки бо ибтикори кумитаю вазоратҳо амалӣ гардонида мешванд.

Хушбахтона, дар ин самт Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми арзишманд гузошта истодаанд. Аз ҷумла, санаи 28-уми майи соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бо дастгирии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷалби зиёда аз 40 корхонаю муассиса ва ташкилот намоиши маҳсулот ва ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ барои хатмкунандагони Донишгоҳ баргузор гардид.

Ҷорабиниро муовини ректор оид ба татбиқи стратегияҳо ва рушди технологияҳои инноватсионӣ, Фирӯз Ғаффоров оғоз намуда, меҳмононро ба ҳозирин шинос ва зарурати баргузор намудани онро баён кард.

Сипас, сармутахассиси шуъбаи муассисаҳои илмӣ-таълимии Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон Р. Давлатов ва муовини сардори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе У. Муродзода суханронӣ намуданд.

Ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ зимни сухани ифтитоҳӣ иброз дошт, ки омода намудани мутахассисони рақобатпазири мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат, аз техника ва технологияҳои нави муосир бархурдор ва эҷодкору навовар яке аз вазифаҳои асосии таълимгоҳҳои олии кишвар ба ҳисоб меравад. Масъалаи мазкур борҳо дар суханрониҳо, аз ҷумла, паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ мавриди таҳлил ва масъалагузорӣ қарор гирифта, дар асоси дастуру супоришҳои Пешвои муаззами миллат Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор барномаҳои давлатӣ ва қарорҳоро таҳия ва қабул намудааст.

Зимни суханронӣ Р. Давлатов иброз дошт, ки дар ҷорабинии имрӯза намояндагони як қатор корхонаҳои ширкатҳои саноатӣ ва бонкҳо иштирок доранд, ки хатмкунандагон оид ба ҷойҳои холии корӣ маълумоти муфассал мегиранд ва ин ба интихоби ҷойи кории




онҳо кумак хоҳад расонид.

Доир ба ҷойҳои кории холӣ ва тартиби муроҷиат ба Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии назди Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон У. Муродзода ба хатмкунандагон маълумот пешниҳод намуда, иброз дошт, ки онҳо метавонанд тавассути сомонаҳои расмии дар сомонаи Вазорат инъикосгардида барои дарёфти ҷои кор муроҷиат намоянд.

Дар идомаи ҷаласа миёни корфармоён ва хатмкунандагон доир ба масоили матраҳгардида саволу ҷавоб сурат гирифт.

Дар интиҳо ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ барои дастгириҳои ҳамаҷонибаи Вазорати саноат ва технологияҳои нави Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилоту ширкатҳои ватаниву хориҷӣ изҳори сипос намуда, ба корфармоён ва хатмкунандагон барору комёбӣ орзу намуд.

Баъди анҷоми ҷаласа меҳмонон ва корфармоёну хатмкунанадгон бо маҳсулоти ба маъраз гузошташудаи намоишгоҳ ва ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ шинос шуданд.

**“Фановар”**

# ҶАВОНОН СУТУНИ АСОСИИ ПЕШРАФТИ ИЛМУ ТЕХНИКА ВА РУШДИ ИҚТИСОД МЕБОШАНД

19-уми майи соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон бахшида ба Рӯзи ҷавонон ва Рӯзи ҷаҳонии футбол ҷорабинии тантанавӣ таҳти унвони "Ҷавонон — инноватсия ва рушди иқтисоди рақамӣ дар замони муосир" баргузор гардид.

Дар ҷорабинӣ ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад, инчунин ҳайати устодон, кормандон ва донишҷӯёни Донишгоҳ иштирок намуданд.

Нахуст, меҳмонон ва иштирокдорон бо дастовардҳои илмиву тадқиқотӣ, инноватсиониву ихтироъкорӣ ва варзишии донишҷӯёну устодон, ки дар саҳни Донишгоҳ ба маъраз гузошта шуда буданд, шинос гардиданд.

Дар идомаи ҷорабинӣ 29 нафар омӯзгори собиқадор, ки дар тарбияи насли наврас саҳми назаррас доранд, аз ҷониби раёсати Донишгоҳ бо гулдаста ва табрикномаҳо қадрдонӣ шуданд.

Сипас, Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ҷавонони Донишгоҳ ва меҳмононро бо Рӯзи ҷавонони мамлакат самимона табрик гуфта иброз дошт, ки ҷавонон неруи созандаи ҷомеа ва сутуни асосии пешрафти илму техника ва рушди иқтисоди миллӣ мебошанд. Мояи ифтихор аст, ки донишҷӯёни мо дар самтҳои илму тадқиқот, навоварӣ ва ихтироъкорӣ бо лоиҳаҳои инноватсионӣ ва корбастии технологияҳои муосир дар микёси ҷумҳурӣ ва байналмилалӣ





муваффақиятҳои назаррас ба даст овардаанд. Теъдоди зиёди ҷавонони мо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ иштирок намуда, бо медалу ифтихорномаҳо сарфароз гардонида шудаанд.

Дар баробари ин, варзишгарони Донишгоҳ дар мусобиқаҳои варзишӣ, аз ҷумла футбол, гӯштин, шоҳмот ва дигар риштаҳо пайваста соҳиби намоёнро ишғол менамоянд. Мо минбаъд низ тамоми имкониятҳоро баҳри ҳавасмандгардонии ҷавонон ва фароҳамсозии шароити мусоиди рушди онҳо ба роҳ хоҳем монд.

Раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад зимни суханҳои табрикотӣ ҷавононро ҳамчун неруи пешбарандаи ҷомеа ситоиш намуд ва иброз дошт, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша сиёсати давлатии ҷавононро дастгирӣ намуда, барои рушди ҳамаҷонибаи онҳо тамоми шароити заруриро муҳайё кардааст.

Ӯ ҳамчунин, барои ташкил ва баргузории чунин як ҷорабинии сатҳи баланд ба роҳбарияти Донишгоҳ изҳори сипос намуд.

Дар анҷоми қисми расмии ҷорабинӣ аз ҷониби раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулаҳмадзода Зулфиқор Аҳмад ба ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ медали "Шуҷоат ва ҷавонмардӣ" тақдим карда шуд.

Инчунин маросими ҷоизасупории мусобиқаи "Футболи хурд", ки ба муносибати Рӯзи ҷаҳонии футбол ва Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон миёни кормандон, омӯзгорон ва донишҷӯёни Донишгоҳ ҷиҳати ба даст овардани Ҷоми ректори Донишгоҳ баргузор шуда буд, сурат гирифта ғолибон бо диплом, медал, ҷом ва мукофоти пулӣ қадрдонӣ шуданд.

Қисми дуюми ҳамоишро барномаи фарҳангӣ-фароғатии ансамбли “Зуҳал”-и Донишгоҳ, ки аз суруду тарона ва рақсҳои ҷаззоб иборат буданд, боз ҳам рангинтар намуда, табъи аҳли толорро болида гардонид.



**М. БОҚИЗОДА,**
**Л. НАБИЕВ**



# ОЗМУНИ “ИХТИРОЪКОРИ ҶАВОН” ВА

**26-уми апрели соли 2025 дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон озмуни “Ихтироъкори ҷавон” ва “Беҳтарин лоиҳаҳои инноватсионӣ”-и донишҷӯёни ДТТ ва хонандагони Литсейи инноватсионии Душанбе баргузор гардид.**

Дар озмун донишҷӯёни факултетҳо, магистрантон, олимони ҷавон, докторантон аз рӯи ихтисос (PhD)-и донишгоҳ ва хонандагони Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе» иштирок намуданд.

Дар кори озмун инчунин раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулифкор Гулахмадзода ва ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ иштирок доштанд.

Озмунро муовини ректор оид ба илм ва татбикот Яминзода Заррина Акрам оғоз намуда, нақши навоварию ихтироъкорӣ ва илму инноватсияро дар рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ карда, эълон гардидани солҳои 2022- 2026 «Солҳои рушди саноат» ва «Бистсолаи (2020-2040) омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф»-ро



омили муҳимми пешрафти кишвар маънидод намуд.

Сипас, ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалӣ ва раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Зулфиқор Гулахмадзода суханронӣ намуда, баргузории чунин озмунҳоро барои дарёфти ихтироъкорону навоварони ҷавон ва пешрафти соҳа омили муҳим арзёбӣ карданд.

**Озмун дар ду бахш: 1. Навоварӣ ва ихтироъ.**

**2. Лоиҳаҳои инноватсионӣ**



**гузаронида шуд.**

Ба озмун 38 номгӯи ихтироъ ва 80 лоиҳаи инноватсионӣ пешниҳод гардида буд. Баъд аз муаррифии ихтироъту лоиҳаҳои





инноватсионӣ ва ҷамъбасти озмун, ҳайати ҳакамон ғолибонро ба таври зайл муайян намуданд.

**Дар бахши 1. Навоварӣ ва ихтироъ. Барои ишғоли ҷойи якум, мукофоти пулӣ ба миқдори 1000 сомонӣ**

Ҳамидов Ҳайрулло Ибодуллоевич, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-50010108, факултети технология ва дизайн, барои ихтирои “Тахияи матоъҳои бисёркабата аз ресмонҳои арамидӣ дар шароити озмоишгоҳ”.



Нураков Тоҷиддин Бегмуродович, докторанти курси 3-юми ихтисоси 6Д072400, барои ихтирои “Тарзи истеҳсоли равғани растанӣ аз донаки тарбуз”

Тоҳиров Искандар Шухратчонович, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-40010103, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои ихтирои “Тахияи “Car-Chip” (чипи автомобилӣ)”.

**Барои ишғоли ҷойи дуюм, мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ**

Абдуллоев Шидатбек Ҷӯрабекович ва Худойбердиев Муҳаммадҷон Алишерович, донишҷӯёни курси 2-юми ихтисоси 1-49010202А, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Коркарди усули хосил кардани панири мулоим бо иловаи ашёи растанӣ”.



Умаралиии Мирзо, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-50010108, факултети технология ва дизайн, барои ихтирои “Квадраткоптер”.

Яхёҷонов Абдусамад Оқилҷонович, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-54010104 факултети технология ва дизайн, барои ихтирои “Коркарди партовҳои нахдори корхона”.

Давлатов Қиёмиддин Абдухалилович, донишҷӯи курси1-уми ихтисоси 1 -26020202, факултети менеҷмент ва маркетинги байналмилалӣ, барои ихтирои “Коркарди нерӯгоҳи шамолӣ”.

**Барои ишғоли ҷойи сеюм, мукофоти пулӣ ба миқдори 400 сомонӣ**

Самадов Абдулҳаким Абдуманонович, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-49010101, барои ихтирои “Нӯшокии ташнашикани “Наврӯзӣ”.

Мадохирзода Давлаталӣ, хонандаи синфи 10 “с”, Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе”, барои ихтирои “Асбоби таъминкунандаи кувваи барқ”.

**Барои ҷойи ифтихорӣ, мукофоти пулӣ ба миқдори 200 сомонӣ**

Акилова Маликахон Расуловна, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-54010105, факултети муҳандисӣ-технологӣ, барои ихтирои “Коркарди нави маҳсулоти консервакардашуда бо истифодабарии растаниҳои маҳаллӣ”.

Орипов Аъзам, хонандаи синфи 10 “е”, Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе”, барои ихтирои “Мухаррики магнитӣ”.

Саидов Садриддин, хонандаи синфи 10 “е”, Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе”, барои ихтирои “Коркард ва истеҳсоли яхмос барои шахсони гирифтори беморни диабети қанд”.

**Дар бахши 2-юм. Лоиҳаҳои инноватсионӣ.**

**Барои ишғоли ҷойи якум, мукофоти пулӣ ба миқдори 750 сомонӣ**

Сироҷидинов Комрон Аброрович, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010103, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ барои лоиҳаи “Пешгирӣ намудан аз номаҳои фишингӣ барои сатҳи баланд бардоштани огоҳии киберамнияти кормандони ширкат”.

Шокирӣ Муҳаммадризо Асроридин, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010103, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои лоиҳаи “ Сомонаи CODE SPHERE”.

Насриддинов Муҳаммадҷон, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-25010805, факултети иқтисодиёт ва молия, барои лоиҳаи ҶДММ “Тозагидӯстдор”.

Абдурахимов Фатхулло, хонандаи синфи 11“в”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Taj Education”.

# “БЕҲТАРИН ЛОИҲАҲОИ ИННОВАТСИОНӢ”-2025



**Барои ишғоли чойи дуюм, мукофоти пулӣ ба миқдори 500 сомонӣ**

Мирзоев Шахбоз донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010301, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ барои лоиҳаи “Барномаи мобилии YORIRASON – платформаи рақамӣ”.

Маликов Самир, хонандаи синфи 10“е”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Спорт-комплекс на терретории «Инновационного лицея Душанбе»”.

Пулатов Шероз, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-40010301, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои лоиҳаи “Гӯшаи табиат барои маркази эстетикӣ”.




Абдурахмонов Давлатшо Исломхӯчаевич ва Бобоев Меҳрубон Мусоевич, донишҷӯёни курси 1-уми ихтисоси 1-25011024, факултети иктисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “Сехи истехсоли нӯшокиҳо дар технопарки “Фановар”.

**Барои ишғоли чойи сеюм, мукофоти пулӣ ба миқдори 250 сомонӣ**




Мадатов Исмоил, хонандаи синфи 10“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Таъсири нейтронҳои гарм ба хосиятҳои хуҷайраҳои бактериявӣ”.

Алиева Тамуна Самариддиновна, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-1901010202, факултети технология ва дизайн, барои лоиҳаи “Жизнь старым предметам”.

Комрон Шеъро, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010301, факултети технологияҳои иттилоотӣ ва интеллекти сунъӣ, барои лоиҳаи “Барномаи мобилии “TajMed” барои муайянкунии беморӣ”.

Шарипова Бибихатича Қаюмовна ва Скандаршоева Мадина Курбоншоевна, донишҷӯёни курси 3-юми ихтисоси 1-25010707, факултети иктисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “Дороги из пластика”.

**Сипоснамаи ДТТ (бо маблағи 100 сомонӣ)**

Мунаваров Аёрсилтон Ҷумъаевна, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-25010707, факултети иктисодиёт ва молия, барои лоиҳаи “ Создание солнечных батарей для ТУТ”.

Ҳалимов Абубакр Ҳабибуллоевич, донишҷӯи курси 4-уми ихтисоси 1-25010410В, барои лоиҳаи “Цифровой маркетплейс для фермеров и местных”.

**Сипоснамаи Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе” (бо маблағи 100 сомонӣ)**

Адашов Аъзамчон, хонандаи синфи 9“б”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Ҳисоб кардани масоҳати фигураҳои качхатта ва ҳаҷми онҳо бо ёрии интеграл”.

**Сипоснамаи Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе” (бе маблағ)**

Меҳриддинзода Нозия, хонандаи синфи 9“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Гепатит”

Нурализзода Шамъигул, хонандаи синфи 9“а”-и Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе», барои лоиҳаи “Бемории сил”

**Сипоснамаи ДТТ (бемаблағ)**

Аҳмадова Нилуфар Эрачовна, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-19010105, барои лоиҳаи “Либоси миллӣ: эҳё ва ороиш”.

Шобонова Сарвиноз Убайдуллаевна ва Абдуллоева Оиша Асадуллоевна, донишҷӯёни курси 3-юми ихтисоси 1-25010301, барои лоиҳаи “Влияние устойчивого развития в системе образование ВУЗов”

Ҷонмуродов Шукрулло Сулаймонович, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010104, барои лоиҳаи «МедСкан - домашняя диагностическая станция здоровья».

Шамсова Гулнора Низомиддиновна, донишҷӯи курси 3-юми ихтисоси 1-19010105, барои лоиҳаи “Стрит-Арт”.

Раҷабов Махмадулло Саидмуродович ва Нуров Муҳаммадзикриё Зафарович, донишҷӯёни курси 2-юми ихтисоси 1-26020202, барои лоиҳаи “Ободонӣ “Обанбор”.

Шукуров Шахром Ҷумабекович, донишҷӯи курси 2-юми ихтисоси 1-40010108, барои лоиҳаи “Колесо выбора”.

Сулаймонов Достон Бахромчонович, донишҷӯи курси 1-уми ихтисоси 1-400301, барои лоиҳаи “Телеграмм-Бот для администрирования бизнеса”.

**Р. ШАРИФ,**
**аксбардор**
**Б. АЗИМОВ**

# ДЕНЬ МОЛОДЕЖИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН: ПРАЗДНИК ЭНЕРГИИ, НАДЕЖДЫ И БУДУЩЕГО

**Каждое 23 мая в Республике Таджикистан отмечается День молодежи — праздник, посвящённый самому активному, креативному и перспективному слою общества. Это особая дата, призванная подчеркнуть важность роли молодежи в социально-экономическом и культурном развитии страны.**

Праздник был учрежден постановлением Правительства Республики Таджикистан в 1997 году и с тех пор стал символом признания вклада молодых граждан в будущее родины. Молодежь Таджикистана — это не только студенты и школьники, но и молодые ученые, предприниматели, спортсмены, волонтеры, каждый из которых делает свой вклад в процветание страны.

Современное государство уделяет большое внимание поддержке молодежи. Создаются образовательные и культурные центры, реализуются программы стажировок и обменов, поощряются инновационные идеи. Благодаря этим инициативам у молодых людей появляется больше возможностей для самореализации, раскрытия своих талантов и участия в развитии общества.

Сегодняшняя молодежь — это не просто будущее страны, но и её настоящее. Она активно участвует в жизни государства: инициирует стартапы, продвигает экологические и социальные проекты, участвует в научных разработках. Примером могут служить молодые ученые, добившиеся успехов в области медицины, ИТ, сельского хозяйства, а также спортсмены, завоевавшие престижные международные награды.

Основатель Мира и национального единства, Лидер нации, уважаемый Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмон, неоднократно подчёркивал ключевую роль молодёжи в своих посланиях и выступлениях. Он отмечал: «Воспитание и укрепление высокого чувства патриотизма, национального самосознания, уважения к духовным ценностям и национальной святости в каждом индивидууме общества является одним из важных факторов стабильности независимого государства».

Государство прилагает усилия для создания условий, способствующих всестороннему развитию молодёжи. Так, по инициативе уважаемого Президента, были разработаны и реализуются программы, направленные на поддержку образования, науки и предпринимательства среди молодого поколения. В частности, с 2020 по 2026 годы действует Национальная программа социального развития молодёжи, а с 2023 по 2027 годы — Государственная программа воспитания патриотизма и укрепления национального самосознания молодёжи.

Лидер Нации, уважаемый президент Эмомали Рахмон также подчёркивает важность образования и научного потенциала молодёжи: «Таджикской науке необходимо развиваться. Воспитывать молодых учёных. Это цель всех конкурсов, которые я организовывал. Самых одаренных собирайте, воспитывайте. Давайте не просто листок бумаги. Дайте интеллект, знания, умения».

В рамках государственной политики молодёжи предоставляются возможности для обучения за рубежом, участия в международных программах и проектах. Более 41 тысячи таджикских студентов обучаются в различных странах, из них свыше 11 тысяч — девушки, что свидетельствует о равных возможностях для всех.

Отмечая День молодежи, мы выражаем благодарность и веру в молодое поколение. Этот праздник напоминает о важности образования, активной гражданской позиции, стремления к знаниям и инновациям.

Как преподаватель и наставник, с гордостью наблюдаю за успехами нашей молодёжи. Вы — источник вдохновения и надежды. Верьте в себя, не бойтесь мечтать и действовать. Таджикистан гордится вами!

Пусть энергия, энтузиазм и патриотизм молодых людей становятся двигателем прогресса. Желаем каждому молодому гражданину Таджикистана успехов, вдохновения и уверенности в собственных силах!

**Байматова Насиба Исраиловна, старший преподаватель кафедры экономики и управления технологического университета Таджикистана**

# САРЧАШМАИ МУҲАББАТУ МЕҲРУБОНӢ

Зан – модар чун накҳати муаттар таҷассумгари имрӯзу фардои обод аст. Инсон аввалин дарси одамияту худшиносиро аз зан – модар меомӯзад ва тавассути роҳнамоиву суханони пурҳикмати ӯ соҳиби маърифат мегардад. Хурсандибахш аст, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ мавқеи зан дар ҷамъияти мо хеле боло рафт. Имрӯзҳо иштироки фаъолонаи онҳо дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат эҳсос мегардад. Бонувони тоҷик бо меҳнати софдилонаю содиқона на танҳо дар кишвар, балки дар хориҷи он низ чун мутахассисони ботаҷрибаи соҳаҳои илму маориф, ҳуқуқ, тиб, иқтисодиёт ва сиёсатмадорони закӣ эътироф шудаанд.

Зиёд гаштани сафи занҳо дар парлумони кишвар, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, соҳаҳои маорифу тандурустӣ, молияю бонкдорӣ шаҳодат медиҳанд, ки Ҳукумати Тоҷикистон ба занон эътимоду бовар дорад. Онҳо дар рушди давлати соҳибистиқлол баробари мардон саҳми босазо гузошта метавонанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавқеи занро дар замони муосир тавсиф карда гуфтаанд: “Имрӯз зани тоҷик баробари иҷрои рисолати аслии хеш, яъне тарбияи наслиояндасоз, инчунин сиёсатмадору олим, омӯзгору табиб, ҳунарманду варзишгар, соҳибкори муваффақу коршинос буда, дар рушди ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ, хуллас ободии кишвар саҳми басо арзишманд дорад”.

Чӣ тавре Пешвои муаззами миллат дар Паёми навбатии хеш аз 28-уми декабри соли 2024 “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилию хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон” қайд карданд, падару модар барои фарзандон ду ганҷи ноёб ҳастанд ва ҳар як фарзанд вазифадор аст, ки онҳоро азиз дораду то мавриди дар ҳаёт буданашон ҳурмату эҳтиромашонро бо ҷону дил ба ҷо орад, нигоҳубин намояд, то ки дар оянда аз фарзандони худ иззату эҳтиром бинад. Ин суханони пурҳикмат кулли тарбиятгарон, алалхусус омӯзгоронро водор месозад, ки дар замири насли наврас шуълаи меҳру муҳаббат ва раҳму шафқатро нисбат ба зан – модар фурӯзон кунанд ва он то абад нурпош бошад. Зан – модар сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ аст. Вай меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс ба ҳисоб меравад.

Ҳар фарзанди солиму солеҳ, ҳар фарзанди болиғу қобили меҳнат бояд ҳамеша дастёру мададгори волидайн бошад. Бахусус, замоне ки онҳо пиру нотавон ва бемор мешаванд, фарзанд бояд хизмати онҳоро ба таври шоиста анҷом диҳад. Набояд насли наврас фаромӯш кунад, ки модар ҷигарбанди худро бо сад ормону орзу, муҳаббату меҳрубонӣ дар оғӯши гарми хеш парвардааст. Нақши модар, махсусан, дар раванди таълиму тарбия, омӯхтани забон, таъриху фарҳанг ва, умуман, камолоти маънавии фарзанд барҷаста мебошад.

Оре, дар тамаддуну фарҳанги мо – тоҷикон иззату эҳтироми зан – модар ҳамеша ҷойгоҳи хос дошт. Вале иқрор бояд шуд, ки мавқею манзалати зан – модар дар солҳои истиқлоли давлатӣ воқеан ҳам боло рафт. Чӣ тавре дар Паём зикр гардид, ҳоло дар кишвар 25 фоизи хизматчиёни давлатӣ, 73 фоизи кормандони маориф, 71 фоизи кормандони тиб, 47 фоизи кормандони соҳаи фарҳанг, 37 фоизи олимон ва 30 фоизи соҳибкоронро бонувон ташкил медиҳанд. Беш аз 110 ҳазор нафар зан ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул мебошанд. 42 фоизи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар духтарон мебошанд. Боиси зикр аст, ки солҳои охир беш аз 35 ҳазор нафар духтару бону муассисаҳои олии кишварҳои хориҷиро хатм карда соҳибмаълумот гардиданд.

Давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон ғамхорӣ ба занонро бахши муҳимми сиёсати иҷтимоии худ медонад. Фармони Президенти мамлакат “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” намунаи беҳтарини эътимоду бовар ба банувон, эътирофи ғайрату кордонии онҳо мебошад.

Пешвои миллат бо самимият изҳор доштанд, ки бонувону занон ва модарону духтарони азизи мо дар амалисозии талаботу муқаррароти қонунҳои миллӣ, аз ҷумла “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистонг” ва “Дар бораи масъулият барои таълиму тарбияи кӯдак”, пешгирӣ кардани бегонапарастӣ, пӯшидани либоси ғайр ва пайравӣ ба оинҳои барои мардуми мо бегона, мубориза бар зидди равияҳои номатлуб, ки ҷамъиятро имрӯз ба ташвиш овардааст ва ғайра пешсафу боғайратанд. Онҳо бо ин амали худ посдорандаи беҳтарин суннату анъанаҳои миллӣ ва расму оинҳои асилу бостонии халқамон мегарданд. Зан рамзи покиву садоқат, дурахшандаи чароғи хонадон, мураббии ғамхору меҳрубон, устоди шогирдон, сиёсатмадори давлат аст.

Ҷавобан ба ғамхориҳои рӯзафзун занону бонувони моро зарур аст, ки фарзандони худро дар рӯҳияи парастидани сулҳу осоиштагӣ, хидмати содиқона ба Ватани азиз, аҷргузорӣ нисбат ба расму оинҳои аҷдодӣ тарбият намоянд. Баробари пеш бурдани корҳои ҷамъиятӣ, давлатӣ тарбияи фарзандонро дар мақоми аввал қарор бидиҳанд. Фаромӯш накунем, ки ояндаи Тоҷикистони азиз маҳз ба ақлу заковат ва хиради фарзандони миллат вобастагӣ дорад. Шоир наку фармудааст:

**Дар дафтари муаллиму**
**омӯзгор нест**
**Он тарбия, ки зодаи домони**
**модар аст.**
**Рафтори модар аз пайи**
**сармашқи кӯдакон**
**Беҳтар зи ҳар гуна китобу**
**зи дафтар аст.**

Таъкидҳои қатъии Сарвари давлат вобаста ба ҷалби наврасону ҷавонон ба омӯзиши донишҳои муосир ва пешгирӣ аз ҳар гуна хурофот ва шомилшавӣ ба равияҳои номатлуб занону бонувони моро водор месозад, ки вазифаи бевоситаи худ – тарбияи инсонро боз ҳам беҳтар ба роҳ монанд. Пешвои миллат бамаврид таъкид намуданд, ки “наврасону ҷавонон, чи духтару чи писар бояд хонанд, илму дониш ва касбу кор омӯзанд, ҳар миллате, ки ба масъалаи пешгирӣ аз хурофот ва омӯзиши илмҳои дунявӣ беэътиноӣ зоҳир мекунад, гирифтори мушкилоти азим мегардад”.

**Фотимахон**
**МАМАДҶОНОВА,**
**саромӯзгори кафедраи**
**забонҳо ва фанҳои ҷамъиятӣ**

<u>КОНФЕРЕНСИЯИ ИЛМӢ-АМАЛИИ ҶУМҲУРИЯВӢ</u>

# БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ: ИМКОНИЯТҲОИ РУШД ВА МАСОИЛИ ИҚТИСОДИ РАҚАМӢ

16-уми майи соли 2025 дар толори филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфара бахшида ба эълон шудани солҳои 2025-2030 “Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия” конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи “Бехатарии иқтисоди миллӣ: имкониятҳои рушд ва масоили иқтисоди рақамӣ” дар сатҳи баланд баргузор гардид.

Дар кори конференсия муовини раиси шаҳри Исфара Зиёваддинзода С., сардори раёсати омори шаҳр Хӯҷаев А., директори Литсейи №5 Додобоева Г., директори ФДТТИ, н.и.к. Абдуллоев Ҳ.Д., муовини директор оид ба таълим ва идоракунии сифати таҳсилот, н.и.и. Шаропова Н.Ҳ., ҳамчунин олимону устодон ва донишҷӯён иштирок намуданд.

Сардори шуъбаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва омодасозии кадрҳои илмӣ Умарова М. конференсияро оғоз намуда, бо камоли эҳтиром суханни ифтитоҳиро ба директори ФДТТИ Абдуллоев Ҳ.Д. во гузошт.

Дар конференсия Хӯҷаев А., Атласова Г., Шаропова Н., Бабаев С., Ғаффоров С., Рустамзода И. оид ба рақамикунонии иқтисодӣ, муаммоҳо ва роҳҳои ҳалли он, пешбурди фаъолият дар соҳаҳои гуногун бо истифодаи иқтисоди рақамӣ маърӯзаҳои илмӣ карданд. Қайд гардид, ки дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон рушди иқтисоди рақамӣ аз бисёр ҷиҳат муҳим аст. Аз он ҷумла, истифодаи зарфиятҳои иқтисоди рақамӣ барои муқовимат бо зуҳуроти номатлуби коррупсионӣ дар кишвари мо муҳим арзёбӣ мегардад.

Дар анҷоми чорабинӣ як қатор меҳмонону устодон барои иштироки фаъолона ва баромади пурмуҳтаво бо сипосномаи директори ФДТТИ қадрдонӣ гардиданд.

**Фотима**
**МАМАДҶОНОВА,**
**омӯзгори калон**

# БОИСИ ИФТИХОР





Дар толори Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят маросими супоридани стипендияҳои раиси вилояти Суғд ба донишҷӯён, магистрантон ва аспирантони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ баргузор гардид.

Дар ин озмун филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Исфараро донишҷӯйи соли сеюми доктор PhD-и ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров, муовини директор оид ба корҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ ва идеологии филиал Фарзона Фурқат Рустамӣ ва донишҷӯйи соли дуюуми ихтисоси "Технология, равоншиносӣ, раҳнамоии касбӣ" Манзурахон Хафизова намояндагӣ карданд ва сазовори стипендияи раиси вилояти Суғд гардиданд.

Мо бо Фарзона Рустамӣ ва хосатан бо Манзурахон Ҳафизова мефахрем, зеро Манзурахон новобаста аз мушкилиҳо ва аз оне, ки дунёро бо чашми дил мебинад, ҳаракати зиёд дораду дониши комил. Имрӯз онҳо подоши заҳматҳои шабонарӯзии хешро диданд.

**Фараҳшод**
**ҲАМРОҚУЛОВ,**
**мутахассиси шуъбаи**
**ҷавонон, варзиш ва фарҳанг**

# ЗАН МУЪҶИЗА АСТ

Зане, ки дардҳои зиёдеро худ аз худ шифо додааст ва то ҳол дилашро пок нигоҳ медорад, танҳо зан нест. Вай як қувваи табиат, таҷассуми устуворӣ ва файз аст. Вай аз байни оташ гузашт, аммо бӯйи садбаргиҳоро дорад. Вай шикаста шуд, аммо худро аз тилло барқарор кард, захмҳояшро ба хирад табдил дод.

Бонуи ба ҳар чизи ба рӯҳаш таҳдидкунанда таҳаммул намекунад, занест, ки қадрашро медонад. Вай дигар барои роҳати дигарон хам намешавад ва ё равшании худро кам намекунад, то дигаронро ором кунад. Вай фаҳмид, ки сарҳад муқаддас аст ва ҳифзи ҷаҳони худ худбинона нест, балки зарур аст.

Вай ба ҷойи шифо талхӣ, ба ҷойи дигаргунӣ руҷуъ интихоб мекунад. Вай барои дарди кашидааш қасос намеҷӯяд; ба ҷойи ин вай онро ба муҳаббат, санъат ва хирад табдил медиҳад. Вай мефаҳмад, ки табобат як ҳодисаи якдафъаина нест, балки як сафари доимии худшиносӣ аст.

Вай кимиёгар аст ва захмҳои гузаштаашро ба қудрат табдил медиҳад. Он чизе, ки ӯро бояд мешикаст, ба ҷойи он вайро тоза мекард ва ӯро дар илоҳияти худ дурахшон ва дастнорас мегардонд.

Вай ҷодуе дорад, ки онро шарҳ додан ғайриимкон аст. Ва онро танҳо эҳсос карда, бо тарс дида мешавад.

Вай илоҳӣ аст, зеро вай моҳияти худи офаринишро таҷассум мекунад. Вай модар, табиб, ҷанговар, нерубахшанда, оромишдиҳанда, водоркунанда, ва як қуввai боътимодест. Вай бо як дасташ ғизо медиҳад ва бо дасти дигараш он чизеро, ки ба ӯ хидмат намекунад, нобуд мекунад. Вай нарм, вале устувор, меҳрубон, вале нотавон аст.

Вай аз ҷаҳон тасдиқ намеҷӯяд, вай худро тасдиқ мекунад. Вай ба оина менигарад, на танҳо зан, балки олиҳаеро мебинад, ки аз хокистари гузаштааш эҳё шудааст. Вай ба ғайр аз ҳақиқати нафси худ ба касе сар хам намекунад.

Вай мефаҳмад, ки ишқ – ишқи ҳақиқӣ аз эҳтироми худ оғоз мешавад. Вай дигар ишқи нимдилро талаб намекунад, зеро медонад, ки чизе камтар аз садоқати самимӣ хиёнат ба асли ӯст. Вай бо сарбаландӣ истода, худро гаштаю баргашта интихоб мекунад.

Вай ҷоду аст, на аз он сабаб ки вай ҷоду мекунад, балки барои он ки вай ҷоду аст. Ҳузури ӯ қувватро тағйир медиҳад, суханонаш вазн доранд ва муҳаббати ӯ ҳама чизеро, ки ламс мекунад, тағйир медиҳад.

Ва ҳарчанд торикиро дида бошад ҳам, вай равшаниро интихоб мекунад. Ҳарчанд дардро медонист, шодиро интихоб мекунад. Ҳарчанд вай барои бастани дил тамоми сабабҳо дорад, вай онро кушода нигоҳ медорад, зеро вай танҳо зан нест. Вай муъҷиза аст.

**Фотимахон**
**МАМАДҶОНОВА,**
**сардори шуъбаи умумӣ ва**
**бойгонӣ**

# КОРРУПСИЯ- ОМИЛИ ВАРШИКАСТАГИИ ДАВЛАТҲО ВА ВАЙРОНГАРИ ҶОМЕА

**Коррупсия зуҳуроти номатлуб ба барои ҷомеа хатарнок ба ҳисоб рафта, мубориза ба зидди он вазифаи асосии мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ҳар як сокини кишвар мебошад.**

Эмомалӣ Раҳмон

Яке аз мушкилоти ҷиддие, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ, бахусус кишварҳои рӯ ба рушдро таҳдид мекунад, ин падидаи номатлуби коррупсия мебошад. Коррупсия ба сифати як зуҳуроти хавфнок ба рушди устувори иқтисодӣ, бунёди ҷомеаи демократӣ, таъмин намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии шаҳрвандон халал мерасонад. Ин амал ҳамеша бо вайрон шудани қонун, суиистифода аз вазифа, ришвагирӣ ва манфиатҷӯии шахсӣ алоқаманд буда, ба соҳаҳои муҳимми ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад.

Коррупсия боиси коста шудани эътимоди мардум ба сохторҳои давлатӣ, коҳиш ёфтани сармоягузории хориҷӣ, заиф шудани қонунҳо ва пастравии нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мегардад. Ба ибораи дигар, фасод (коррупсия) пояҳои давлатдориро суст намуда, фурсатҳои баробарро барои шаҳрвандон маҳдуд месозад. Чунончи як мақоли маъруфи тоҷикӣ мегӯяд: «Обро ифлос кунӣ, худат ташна мемонӣ», яъне коррупсия на танҳо ба дигарон, балки дар ниҳоят ба худи шахси амалкунанда низ зиёни ҷубронинопазир мерасонад.

Бо дарназардошти ин падидаи вайронгар, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки алайҳи ин зуҳуроти номатлуб ҷораҳои мушаххаси қонунӣ андешад. Барои пешгирӣ аз ҳама чиноятҳу чинояткорӣ ва мубориза ба коррупсия 31 октябри соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия қабул шуда, санаи 9 декабри соли 2003 дар конфронси сиёсӣ зиёда аз 100 давлати дунё ба Конвенсияи мазкур имзои худро гузоштанд. Ҳамзамон, бо дарки амиқи хатарнокии коррупсия, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ мубоизаро бар зидди он ба яке аз самтҳои асосии сиёсати давлатӣ табдил додааст. Дар ин росто, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ дар қатори дигар давлатҳо санаи 25 сентябри соли 2006 ба Конвенсияи мазкур имзо гузошта, он ба низоми ҳуқуқии кишвар ворид карда шуд.

Бо иқдоми сиёсии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ -Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва чиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ, таъмини шаффофият ва такмили фаъолияти назоратӣ ҳанӯз 10 январи соли 2007 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда таъсис дода шуд.

Дар ин ҷода бахри банақшагирии фаъолияти давлат дар самти муқовимат ба коррупсия бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, таҳти №34 бори аввал барномаи зиддикоррупсионии давлатӣ "Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2012" ба тасвиб расида, баъди ба охир расидани мӯҳлати амали он, бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, таҳти №1504 "Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2020" қабул гардид.

Дар илова ба санадҳои номбурда, инчунин бо мақсади фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия дар асоси Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми августи соли 2021, таҳти №222 "Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" таҳия ва қабул карда шуд. Мақсад ва вазифаи асосии амалисозии Стратегияи мазкур аз баланд бардоштани маърифати зиддикоррупсионии аҳолӣ ва фароҳам овардани фазои тоқатнопазирӣ ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва дар маҷмӯъ, паст намудани шиддати коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат буда, барои инкишофи арзишҳои демократӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум равона карда шудааст.

Яке аз самтҳои муҳимми пешгирии коррупсия баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ва тарбияи шаҳрвандии насли ҷавон мебошад. Муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар ин раванд нақши калидӣ доранд, зеро маҳз дар муҳити Донишгоҳ ҷавонон ба зиндагии мустақилона омода мешаванд ва арзишҳои иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва касбиро меомӯзанд.

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон низ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи огоҳии донишҷӯён аз хатарҳои коррупсия ва ташаккули фарҳанги зиддикоррупсионӣ тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд. Маҳз бо ташаббуси идораи ташкилию тарбиявӣ., ҳамасола дар Донишгоҳ дарсҳои кушоди тарбиявӣ, мулоқоту вохӯриҳо бо намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, конфронсҳо ва семинарҳо доир мегарданд.

Дар ин чорабиниҳо доир ба ҳодисаҳои мушаххаси фасод, паёмадҳои ҳуқуқию ахлоқии он ва масъулияти ҳар як шаҳрванди худогоҳ дар пешгирии ин амали номатлуб маълумоти муфассал пешниҳод мегардад. Кураторони гурӯҳҳо низ дар соатҳои тарбиявӣ бо донишҷӯён суҳбатҳо баргузор намуда, ба онҳо фаҳмонда медиҳанд, ки риояи қонун ва одоби касбӣ асоси муваффақият ва боварии ҷамъият ба мутахассис мебошад.

Ба андешаи мо коррупсияро танҳо бо ҷазо маҳдуд кардан мумкин нест. Пешгирии он бояд аз мактаб ва донишгоҳ оғоз шавад. Агар ҷавонон аз ибтидо дар рӯҳияи арзишҳои ахлоқӣ, шаффофият, масъулиятшиносӣ ва муҳаббат ба Ватан тарбия ёбанд, эҳтимоли даст задани онҳо ба амалҳои ғайриқонунӣ хеле кам мегардад.

Аз ин рӯ, ташкили муҳити шаффоф, таъсиси платформаҳои арзёбии фаъолияти омӯзгорон ва кормандон, густариши низоми «электронии идоракунӣ» ва дастрас будани иттилоот – ҳамаи ин унсурҳо метавонанд роҳи самараноки мубориза бо коррупсия бошанд.

Коррупсия падидаи харобиоварест, ки танҳо бо иродаи қавӣ, тарбияи дуруст, масъулияти шаҳрвандӣ ва ҳамкории самараноки ҳамаи қишрҳои ҷомеа метавонад решакан гардад. Дар ин самт на танҳо давлат, балки ҳар як устод, донишҷӯ, хизматчии давлатӣ ва шаҳрванд вазифадор аст, ки бетараф набошад ва саҳми худро гузорад.

**И. ШАРИФЗОДА,**
**муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ ва идеологӣ**
**М. Боқизода,**
**мудири шуъбаи кор бо ҷавонон ва варзиши Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

---

ОЗМУНИ ҶУМҲУРИЯВИИ "ИЛМ – ФУРӮҒИ МАЪРИФАТ"

# РОҲХАТ БА ДАВРИ ШАҲРӢ

*Бо мақсади амалисозии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф" (солҳои 2020 - 2040) ва ҷиҳати рушди тафаккури техникӣ, васеъ намудани ҷаҳонбинии илмӣ, дастрасӣ пайдо намудан ба техникаву технология, ихтироъкорӣ ва навоварӣ, пайвасти илм бо истеҳсолот, ҷалби бештари хонандагону донишҷӯён ва дигар қишрҳои ҷомеа ба омӯзиши фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ, инчунин, дарёфти истеъдодҳои нав дар Литсейи инноватсионии Душанбеи назди ДТТ аз 18-ум то 24-уми апрели соли 2025 озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" баргузор гардид.*

Дар даври якуми озмун 137 нафар хонанда (синфҳои 5 -11) аз фанҳои таълимии физика, математика, технологияи иттилоотӣ, биология, химия ва география дар ҳафт номинатсия иштирок намуданд.

Озмун дар ду давр гузаронида шуд: қисми назариявӣ ва амалӣ. Хонандагон барномаи таълимиро пурра аз худ намуда, дониши худро дар даври якуми озмун (дохилилитсейӣ) муаррифӣ намуда, 17 нафар хонанда, аз ин миқдор 6 нафар: Амонова Фотима синфи 7 "А" аз фанни физика, Адашов Аъзамҷон синфи 9 "Б" аз фанни математика, Сабринаи Абдурасул синфи 10 "А" аз фанни химия, Зоирова Назокат синфи 8 "А" аз фанни биология, Назарова Маҳина синфи 11 "А" аз фанни география, Шарипова Румайсо синфи 11 "Д" сазовори ҷойи якум, 6 нафар: Мадатов Исмоил, хонандаи синфи 10 "А" аз фанни физика, Фозилова Ойша, хонандаи синфи 7 "А" аз фанни физика, Зоиров Меҳрубон, хонандаи синфи 9 "Б" Асадов Абдураҳим, хонандаи синфи 10 "Е" аз фанни химия, Давлатов Билол, хонандаи синфи 9 "А" Назаров Шаҳром, хонандаи синфи 10 "В" соҳиби ҷойи дуюм ва 5 нафар: Камолова Маҳбуба, хонандаи синфи 7 "А" аз фанни физика, Гулмамадов Фарис, хонандаи синфи 7 "Д" Раҳмонов Парвиз, хонандаи синфи 8 "Б" аз фанни физика, Юсуфзода Сумая, хонандаи синфи 9 "Б" аз фанни биология, Орипов Азам, хонандаи синфи 10 "Е" аз ихтироъкорӣ ва навоварӣ сазовори ҷойи сеюм гардиданд.

Аз 17 нафар иштирокчии даври дуюми озмун (ноҳиявӣ) 10 нафар хонанда: Мадатов Исмоил синфи 10 "А" ва Амонова Фотима синфи 7"А" аз номинатсияи физика, Зоиров Меҳрубон синфи 9 "Б" аз номинатсияи математика, Сабринаи Абдурасул синфи 10 "А" аз номинатсияи химия, Зоирова Назокат синфи 8 "А" ва Юсуфзода Сумая синфи 8 "Б" аз номинатсияи биология, Назарова Маҳина синфи 11 "А" аз номинатсияи география, Шарипова Румайсо синфи 11 "Д" Орипов Аъзам синфи 10 "Е" ва Назаров Шаҳром синфи 10 "В" аз номинатсияи ихтироъкорӣ ва навоварӣ сазовори ҷойҳои намоён гардида, ба даври навбатӣ (шаҳрӣ)-и озмуни ҷумҳуриявии "Илм – фурӯғи маърифат" роҳ ёфтанд.

**С. АБРОРОВА**

---

# ОИЛА - ПОЙГОҲИ АСОСИИ ҶОМЕА

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола 15-уми май ҳамчун Рӯзи байналмилалии оила бо шукӯҳу шаҳомати хосса ҷашн гирифта мешавад. Ин санаи муҳимми таърихӣ ба ҳифз ва таҳкими арзишҳои оилавӣ, баланд бардоштани мақоми оила дар ҷомеа, тарғиби фарҳанги оиладорӣ ва таҳкими худшиносиву ватандӯстӣ миёни насли наврасу ҷавон равона шудааст.

Дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ба муносибати Рӯзи оила чорабинии маърифатӣ-фарҳангӣ дар мавзуи "Оила-пойгоҳи асосии ҷомеа" баргузор гардид. Дар оғоз муовини аввал, муовини ректор оид ба таълим ва сифати таҳсилот Насриддинзода Мирзомуддин Шамсиддин аз номи раёсати Донишгоҳ аҳли толорро ба муносибати Рӯзи байналмилалии оила муборакбод гуфта, табрикоти ректори Донишгоҳ Раҳмонзода Зоир Файзалиро ироа намуд.

Аз ҷумла гуфта шуд, ки оила ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа буда, дар ташаккули ахлоқ, маънавиёт ва фарҳанги миллӣ нақши калидӣ мебозад. Тарбияи фарзанди солим, ватандӯст ва худогоҳ маҳз аз муҳити солими оилавӣ ибтидо мегирад. Мо бояд ба арзишҳои оилавии миллӣ арҷгузорӣ кунем ва онҳоро ба наслҳои оянда ҳамчун ганҷи бебаҳо мерос гузорем.

Мавсуф аз суханони зерини Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон: "Оила рукни муҳимми ҷомеа ва маҳзани ахлоқу маънавиёт аст. Фарҳанги баланд ва муҳити солими оилавӣ кафили таълиму тарбияи насли сазовору бомаърифат маҳсуб мёёбад", ёдовар шуда, нақши онро дар тарбияи фарзандон ва рушди ҷомеа муҳим арзёбӣ кард.

Сипас, раиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Муродзода Ҷӯрабек дар мавзӯи "Нақши ҲХДТ дар таҳкими арзишҳои оилавӣ ва маънавиёт" суханронӣ намуд. Ӯ аз ҷумла зикр кард, ки оила на танҳо маҳалли зиндагии шахсӣ, балки пояи муҳимми рушди давлат ва ҷомеа аст. Тарбияи фарзандони ватандӯсту худогоҳ, ниғоҳдошти анъанаҳои миллӣ ва суннатҳои оиладорӣ маҳз дар муҳити оилавии солим сурат мегирад. Аз ин рӯ, Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамеша дар сафи пеши ҳимоя ва таҳкими ин арзишҳо қарор дорад.

Номзади илмҳои фалсафа, дотсенти кафедраи фанҳои гуманитарии Донишгоҳ Гулнора Саъдуллоева дар мавзуи "Нақши оила дар пешгирии ифротгароӣ, терроризм ва экстремизм" маърӯза намуда, аз ҷумла иброз дошт, ки дар замони муосир, ки ҷаҳониёнро хатари терроризм ва экстремизм таҳдид мекунад, нақши оила дар тарбияи фарзандон бештар мегардад. Оила бояд сарчашмаи маърифат, муҳаббат ва масъулият бошад, то фарзандон дар рӯҳияи ватандӯстӣ, хештаншиносӣ ва пос доштани арзишҳои миллӣ ба воя расанд. Фарзандони тарбиядидаи оилаи солим ҳаргиз ба доми ифротгароён намеафтанд.

Мавсуф ҳамчунин таъкид дошт, ки оила пояи давлат ва таҳкими он кафили субот ҷомеа ва рушди давлатдории миллӣ мебошад. Арҷ гузоштан ба арзишҳои оилавӣ ва тарбияи насли нав дар рӯҳияи ахлоқи ҳамида ва фарҳанги миллӣ-вазифаи муқаддаси ҳар як шаҳрванди худогоҳ ва ватандӯст аст. Аз ин рӯ, ҳамкории зичи муассисаҳои таълимӣ бо оилаҳо метавонад ба рушди фикрии ҷавонон ва таҳкими суботи ҷомеа мусоидат намояд.

Дар идомаи чорабинӣ, омӯзгорон ва донишҷӯёне, ки дар озмунҳо, мусобиқаҳои варзишӣ ва дигар чорабиниҳои сиёсиву фарҳангӣ фаъолона иштирок намуда, натиҷаҳои назаррас соҳиб гардида буданд, бо ифтихорномаву сипосномаҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Фирдавсӣ ва Донишгоҳи технологии Тоҷикистон қадрдонӣ шуданд.

Барномаи фарҳангии ансамбли "Зуҳал"-и Донишгоҳ, ки аз сурудҳои ватандӯстона, таронаҳо дар васфи падару модар, оила ва меҳри Ватан мураттаб гардида буданд, ба чорабинии идона ҳусни тоза бахшида, табъи иштирокчиёнро болида гардониданд.

**"Фановар"**

# ТАТБИҚИ ҚОНУНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН “ДАР БОРАИ ТАНЗИМИ ҶАШНУ МАРОСИМ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН”

**Якчанд рӯз пеш доктори илмҳои техникӣ, профессори кафедраи технологияи маснуоти нассоҷии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон Иброҳимов Холназар Исломович дар мавзуи “Риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” дарси кушоди тарбиявӣ гузаронид, ки дар он муовини ректор оид ба тарбия ва идеология н.и.ф., дотсент Исомиддин Шарифзода, декани факултети технология ва дизайн н.и.т., дотсент Фирӯз Ҷалилов, сардори раёсати тарбия ва идеология Гулшан Бобизода, мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ, н.и.т., и.в. дотсент Замира Ҳакимова ва ҳайати омӯзгорону донишҷӯёни факултети технология ва дизайн иштирок доштанд.**





Профессор Х. Иброҳимов сараввал оид ба вазъ ва зарурати қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон”, ки бевосита бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳия, таҳрир ва пешниҳод шудааст, ба тафсир ҳарф зад. Х. Иброҳимов нахуст аз суханони зерини Президенти мамлакат: “... Аз ҳамаи боигариҳои фаровони моддӣ ва табиие, ки Ватани мо дорад, сарвати муҳимтарин ва бебаҳотарин – иқтидори ақлии ҷомеаи мост” ёдовар шуд. Инчунин гуфта шуд, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки се ҷанба – маънавӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ дорад, воқеан ҳам дар беҳтару баландтар шудани сатҳи зиндагии мардуми кишвар нақши бориз гузошт.

Мавсуф иброз дошт, ки мақсад аз қабули Қонуни зикргардида ҳимояи манфиатҳои иҷтимоӣ, мусоидат барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ, пешгирӣ аз таассубу хурофот мебошад. Пас аз 10 соли қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аён гардид, ки он дар самти ҳифзи анъанаҳои мардумӣ ва ҳалли бисёр мушкилоти ҳаётан муҳимми ҷомеа заминаи мусоид фароҳам овард. Ҷашну маъракаҳо ва расму ойинҳоро дар кишвар ба низом даровард, барои ҳифзи арзишҳои фарҳанги миллӣ асос гузошта, суннатҳои диниву мардумиро ба танзим даровард, анъана ва маросиму ҷашнҳои миллиро мушаххасу дақиқ намуд. Ҳамчунин, пеши роҳи хурофоту таассуб, худнамоиву зоҳирпарастӣ ва исрофкориву зиёдаравӣ гирифта шуд. Таҷрибаи амали Қонуни мазкур нишон дод, ки он барои ба низом даровардани анъана, маросиму ҷашнҳои миллию динӣ ва дигар суннатҳои мардумӣ нақши бориз гузошта, ба ҷорӣ гардидани низому тартиботи ягонаи баргузории чорабиниҳои милливу мардумӣ роҳ кушод.

Даҳ соли амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистолн «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» нишон дод, ки он ба такмил ниёз дорад. Бо дарназардошти ин, 28 августи соли 2017 ба Қонун тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Мувофиқи тағйиру иловаҳои воридгардида дар рӯзҳои иди Рамазон ва Қурбон оростани дастурхони маънавӣ ва хоксорона, роҳ надодан ба исрофкорӣ ва зиёдаравӣ, дар доираи оила бе хизматрасонии санъаткорон гузаронидани хатнасур, бо розигии падару модар аз рӯзи таваллуди писар то рӯзи бистуми пас аз таваллуд дар муассисаҳои тиббӣ ба таври ройгон анҷом додани хатна пешбинӣ гардидааст. Тағйиру иловаҳои назаррас ба моддаи 14 - и Қонун, ки тартиби баргузории ҷашну маросимро ба танзим медарорад, ворид гардидаанд. Дар он дар асоси шартнома расонидани хизматрасониҳо пешбинӣ гардида, маъмурияти қаҳвахонаҳо, ошхонаҳо, тарабхона ва тӯйхонаҳо дар баробари соҳибони маърака барои шумораи даъватшудагон ва вақти баргузории тӯю маъракаҳо масъул мебошанд. Ҳамзамон, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ уҳдадор карда шуданд, ки ба рукнҳои фарҳанги миллӣ, аз ҷумла, забони давлатӣ ва сару либоси миллӣ эҳтиром гузошта, онҳоро аз таъсирҳои манфии замони муосир ҳифз намоянд.

Бо дарназардошти амалишавии қонун сатҳи зиндагонии мардуми шарифи Тоҷикистон боло рафта истодааст. Аз ҳисоби камхарҷ гузаронидани тӯю маъракаҳо, маросимҳо, ҷашнҳо ва дигар суннатҳои миллӣ пасандозҳои шаҳрвандон дар бонкҳо сол то сол зиёд шуда, дар деҳот роҳҳо васеъ ва таъмир шуда, бунгоҳҳои тиббӣ ва майдончаҳои варзишӣ сохта шуда бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин шуда истодааст. Одамон манзилҳои замонавӣ сохта, сол то сол сатҳи маънавиёт боло рафта истодааст. Дар тамоми шаҳру ноҳияҳо хоҷагиҳои фермерию деҳқонӣ рушд ёфта, бошишгоҳҳои саҳроӣ бунёд намуда, қариб аз ҳар як деҳа чорводороне, ки саршумори зиёди моли майда доранд, боз ба дигарон оид ба ҳамроҳшавӣ барои ба бурдани чорво ба минтақаҳои зери кӯҳӣ, ки иқлими мувофиқ барои парвариши чорво дар фасли тобистон доранд, муроҷиат карданд. Ҳамин тавр, сол ба сол бинобар безарурат забҳ накардани моли майда, тибқи омор дар моҳи январи соли 2025 саршумори чорвои майда ба зиёда аз 7 млн. сар расонида шудааст, ки барои Тоҷикистони соҳибистиқлол нишондиҳандаи баландтарин мебошад. Ин нишондиҳанда боз аз он шаҳодат медиҳад, ки аз ин миқдор моли майда зиёда аз садҳо ҳазор тонна ашёи пашм истеҳсол мешавад, ва инро дар корхонаҳои нассоҷии бунёдшаванда коркард карда, имконияти истеҳсол намудани маҳсулоти гуногуни пашмин ба вуҷуд меояд. Ин дар навбати худ дар деҳот ба зиёдшавии ҷойҳои корӣ ва болоравии сатҳи иқтисодии оилаҳо боис мегардад. Маҳз ҷаҳду талошҳои Сарвари давлат ва қабулу татбиқи амалии қонуни зикргардида имкон доданд, ки нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 то 21,2 фоизи соли 2023 коҳиш дода шуд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бо қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» мардуми шарафманди Тоҷикистон аз исрефи беҳуда, маъракаю маросимҳои пурдабдаба ва пешгирии зиёдаравӣ канораҷӯӣ намуда, дар баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва муҳайё намудани зиндагии шоиста саҳмгузор гардиданд.

Гуфта шуд, ки дар натиҷаи амалишавии ин қонун дар як муддати кӯтоҳ кирдорҳои номатлуби худнамоӣ ва зоҳирпарастӣ аз байн бурда шуда, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидати зарурӣ расонид. Мақсад аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷилавгирӣ аз хароҷоти зиёдатӣ, зоҳирпарастӣ ва исрофкорӣ ҳангоми баргузор намудани анъана ва ҷашну маросим, паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеа, беҳтар намудани шароити зиндагии аҳолӣ, пешгирии воридшавии унсурҳои бегона ва ғайримиллӣ ба анъана ва ҷашну маросим дар Тоҷикистон, аз байн бурдани хурофот ва амсоли инҳо ба ҳисоб меравад.

Таҷрибаи амали зиёда аз ҳабдаҳсолаи қонуни мазкур нишон дод, ки дар ҷомеа сатҳи фарҳанг ва маърифатнокии мардум нисбат ба расму оинҳо баланд гардида, мардуми кишвар хурофотро аз маросимҳои воқеан муҳимми милливу динӣ фарқ карда, дар ин раванд баробариро дар миёни қишрҳои гуногуни ҷомеа барқарор намуданд.

Дар хотимаи дарси кушод профессор Холназар Исломович ба саволҳои аҳли толор, ки фарогири мавзуи матраҳгардида буданд, ҷавобҳои қаноатбахш гардонид.

Сардори раёсати тарбия ва идеология Гулшан Бобизода ва декани факултети технология ва дизайн Фирӯз Ҷалилов қабул шудани қонуни мазкурро муҳим ва саривақтӣ дониста, татбиқи онро баракати зиндагӣ ва боиси боз ҳам беҳтар гардидани сатҳи зиндагии мардуми кишвар арзёбӣ намуданд.

**З. ҲАКИМОВА,**
**мудири кафедраи технологияи маснуоти нассоҷӣ**

## ВАРЗИШ

# ПИРӮЗӢ МУБОРАК!

Хонандагони Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи инноватсионии Душанбе”-и назди ДТТ дар соли таҳсили 2024-2025 дастовардҳои варзишиашонро афзун гардониданд. Хонандаи синфи 7 “г” Амина Саидова дар мусобиқаи байналмилалӣ аз намуди таэквандо, ки дар Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор шуд, сазовори 2 медали тилло ва Чемпиони Осиё гардид. Хонандаи синфи 3-юми литсей Абдусалом Назаров бошад, аз ин намуди варзиш сазовори ҷойи дуюм ва медали нуқра гардид.

Хонандаи синфи 9 “б” Меҳрубон Зоиров ва хонандаи синфи 8 “а” Назокат Зоирова дар даври шаҳрии Озмуни “Гирандагони стипендияи Раиси шаҳри Душанбе” ғолиб дониста шуда, барои гирифтани Стипендияи Раиси шаҳри Душанбе ҳуқуқ пайдо намуданд.

**Моҳира Абророва,**
**омӯзгори фанни забон ва адабиёти тоҷик**

## ДОРУХОНАИ ТАБИАТ

# ДУЛОНА ВА ХОСИЯТҲОИ ШИФОБАХШИИ ОН

Дулона дарахти бутташакли сершоху барги хордор ва бисёрсолаи ғизоӣ буда, ба оилаи настаранҳо дохил мешавад. Дар Тоҷикистон аслан ду намуди дулона – зард ва сурх мавҷуд аст, ки онҳо асосан дар вилояти Хатлон қаторкӯҳҳои Зарафшон¸ Ҳисор¸ Дарвоз¸ Помири Ғарбӣ вомехӯранд. Барои шифобахшӣ асосан меваю гулашро истифода мебаранд. Дар таркиби он 1¸85-4¸95% флаваноидҳо, кислотаҳои органикӣ, гликозидҳо¸15% қанд ва витаминҳо мавҷуд мебошад. Дар замонҳои қадим дулонаро васеъ истеъмол мекарданд.

Хосиятҳои шифобахшии он чунинанд; шиддати сафро ва хунро оромӣ мебахшад, меъдаву ҷигарро қавӣ намуда, иштиҳоро зиёд мекунад. Дулонаро инчунин барои муолиҷаи фишори баланди хун¸ неврозҳо ва бемории қалб, талхадон ва ҷамъшавии оби шикам (асцит) истифода мебаранд. Дулона фишори баланди хунро паст намуда, хобро бароҳат ва асабониятро рафъ месозад. Доруҳои аз дулонаи сурх тайёркардашуда барои бемории дил ва ғадуди сипаршакл, ки ба дилзанию сустшавии фаъолияти он бениҳоят муфид мебошад, истифода бурда мешавад. Гул, мева, баргу решаи онро барои табобати фишори хун, сарчархак, дилзанӣ, нафастангӣ, камхобӣ ва неврози қалб васеъ истифода мебаранд. Аз дулона асосан дамкарда (настой), аз гулу мевааш обҷӯш ва қиёми моеъ тайёр мекунанд. Ин тайёркардаҳоро барои муолиҷаи бемориҳои дил, номӯътадилии гардиши хун, стенокардия васеъ истифода мебаранд.

Қиёми спиртии дулона, барои фишори баланди хун ва кори дил фоидабахш мебошад. Тарзи тайёр кардан: 100гр меваи дулонаро дар 1л спирти 70% андохта, 10-15 рӯз дар ҷои торик нигоҳ медоранд. Баъд аз ин 20-30 қатрагӣ то 3-4 бор пеш аз хӯрок мехӯранд.

Обҷӯши меваи дулона; 1 қошуқи ошхӯрӣ меваи куфтаи дулонаро дар зарфи сирдор меандозанд ва ба болояш 1 литр оби ҷӯшро рехта, 10-15 дақиқа дар оташи паст меҷӯшонанд. Пас 30 дақиқа хунук карда аз дока мепалонанд ва ним истаконӣ 2-3 бор дар як рӯз 30 дақиқа пеш аз хӯрок истифода мебаранд.

Меваи дӯлона; як қошуқчаи чойхӯрӣ меваи хушки онро гирифта ба болояш як истакон оби хунук рехта то ҷӯшиш мерасонанд ва гармогарм аз дока полонида, як қошуқи ошхӯрӣ 2-3 бор дар як рӯз истеъмол мекунанд.

Умуман, он доруҳое, ки аз дулона тайёр шудаанд, ба мушакҳои қалб таъсир расонида кашишхӯрии онро беҳтар карда бо хун таъминшавии рагҳои дилро ба танзим меоранд.

Доруҳои дулонаи сурх фаъолияти кории дилу рагҳои хунгардро беҳтар намуда, асабонияти қалбӣ, сустшавии кори мушакҳои қалб, вайроншавии набзи қалб ва ба дилзанӣ таъсири мусбат мерасонад.

**Таҳияи Умархон Шарифов,**
**директори парки технологии “Фановар”-и ДТТ**

Фановар
МУАССИС:
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
САРМУҲАРРИР
Раҷабалӣ Шарифов

Ба ҳафтанома муаллифон метавонанд бо се забон: тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мавод пешниҳод намоянд.

Ҳайати таҳририя:
Раҳмонзода З.Ф., Насриддинзода М. М., Яминзода З.А., Икромӣ Х.И., Тошматов М.Н., Сафарзода Ғ. Ғ., Ғаффорзода Ф.М., Шарифзода И.У.

Нишонии мо:
734061- ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев 63/3

Ҳафтанома ба хотири риояи озодии афкор маводеро низ ба табъ мерасонад, ки хилофи назараш аст. Аз ин рӯ, масъулияти ақидаи муаллифро ба уҳда намегирад.

Ҳафтанома 27 декабри соли 2023 таҳти № 409/рз-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав ба ҳисоб гирифта шудааст.

Ҳафтанома дар ҶДММ «Мега-принт»-и шаҳри Душанбе чоп шудааст. Адади нашр 3000 нусха